M11/1/A1TAJ/SP1/TAJ/TZ0/XX

22110571

International Baccalaureate®
Baccalauréat International
Bachillerato Internacional

**TAJIK A1 – STANDARD LEVEL – PAPER 1**
**TADJIK A1 – NIVEAU MOYEN – ÉPREUVE 1**
**TAYIKO A1 – NIVEL MEDIO – PRUEBA 1**

Wednesday 11 May 2011 (morning)
Mercredi 11 mai 2011 (matin)
Miércoles 11 de mayo de 2011 (mañana)

1 hour 30 minutes / 1 heure 30 minutes / 1 hora 30 minutos

---

INSTRUCTIONS TO CANDIDATES

- Do not open this examination paper until instructed to do so.
- Write a commentary on one passage only. It is not compulsory for you to respond directly to the guiding questions provided. However, you may use them if you wish.

INSTRUCTIONS DESTINÉES AUX CANDIDATS

- N'ouvrez pas cette épreuve avant d'y être autorisé(e).
- Rédigez un commentaire sur un seul des passages. Le commentaire ne doit pas nécessairement répondre aux questions d'orientation fournies. Vous pouvez toutefois les utiliser si vous le désirez.

INSTRUCCIONES PARA LOS ALUMNOS

- No abra esta prueba hasta que se lo autoricen.
- Escriba un comentario sobre un solo fragmento. No es obligatorio responder directamente a las preguntas que se ofrecen a modo de guía. Sin embargo, puede usarlas si lo desea.


© International Baccalaureate Organization 2011

https://xtremepape.rs/

***Яке** аз порчаҳои зеринро шарҳ диҳед:*

**1.**

Ман ба мактаб рафтам, мактабхона монанди хонаи мо васеъ, дубахра[1] (чордара), равшан ва беғалоғула набуд. Мактаб як хонаи танг буд, ду дар дошт, ки яке аз онҳо дари даромади яктабақа буд, он дарро ҳам дар вақтҳои сармо пӯшонда мемонданд. Дари дигараш даричае буд, ки се чоряк оршин қад ва ним оршин бар дошт. Мактабдор (муаллимамон) ба вай як коғаз (тирезаи коғазӣ) карда барои дар барф ва борон надаридани он ба коғазаш равғани зағир молида буд. Коғази равғанин чангу хоки кӯчаро ба худ гирифта буд, ки монанди дамгири[2] дег сиёҳ ва чиркин шуда буд. Агар аз хотир фаромӯш накарда бошам, он коғаз ба рӯи пурчини мактабдор ҳамрангӣ дошт. Бинобар ин, аз ин дарича ҳам ба хона равшании дуруст намедаромад. Мактабхона аз зери сақф, аз ҷое ки сақф бо девор пайванд меёбад, аз ду тараф дутоӣ равзанҳои чорякоршинӣ дошта бошад ҳам, рӯшноиҳое, ки аз он равзанҳо медаромаданд, на ба мактаб, балки ба рӯи худ: бар девори хона – ба зери сақф меафтоданд.

Замини ин хонаро, ки ҳамаи вусъати он тахминан чор оршини дар чор оршин, яъне 16 оршини мураббаъ буд, чор синҷи аз болои якдигар гузаранда кашида дарунашро ба 9 қисм ҷудо карда буданд, ки гуё дар даруни мактаб 9 охурча ба вуҷуд омада буд.

Дар охурчаи гӯшаи пешгоҳии ин хона, ки дарича ҳам он ҷо буд, ҷои мактабдорнишин буда, охурчаҳои пеши дари даромад кафшкаш буд ва дар охурчаҳои дигар бачагон менишастанд.

Ҳоло ман дар хотир надорам, ки дар он мактаб дар он вақтҳо чӣ қадар шогирд буд. Ҳамин қадарашро медонам, ки аз 4 – сола то 12 сола бачагони деҳаи мо, ки он вақтҳо мегуфтанд, сесад хонавор ҳаст, дар он ҷо ҷамъ шуда буданд.

Ман ҳануз ҳам дар хотир дорам, ки ин мактаб ба назари ман ба он катаки хурдтараке, ки мо доштем ва он ҷо модарам чӯҷа хобонида буд ва мокиёни мо бештарин вақт чӯҷаҳои худро ба он ҷо дароварда, дар зери боли худ гирифта мехобид, монандӣ дошт. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки агар чӯҷагони мо бо овози нозуку форами худ чуғур-чуғур кунанд, овози пуршӯриши ин бачагон гӯши одамро метарконид. […]

Ман ба мактаб даромадам. Ҳамроҳи ман падарам як лаълӣ кулчаву мавизро ба як дастурхон печонида ҳалвоӣ гӯён бурда буд. Мактабдор дастурхонро кушод, яке аз кулчаҳоро шикаста қадре худаш хӯрд ва падарамро ҳам таклиф кард, падарам ҳам як бурда хӯрд. Пас аз он як кулчаи дигарро чунон реза кард, ки гуё ба мурғон медода бошад ва он нонрезаҳоро ба ҳар тарафи мактаб ба болои бачагон пош дод.

Дар ин вақт як занозанӣ, ҷомадарронӣ, гӯшкашӣ, рӯйханҷолкунӣ ва чашмкание буд, ки дар даруни мактаб пайдо шуд. Ба болои ин доду фарёд, оҳу фиғон, гиряву зории бачагон, гуё боми мактабро ба ҳаво мебардошт. Ин шӯру ғавғо бар болои нонрезаҳое буд, ки мактабдор аз ҳалвои ман ба бачагон бахшиш карда буд. […]

Саддриддин Айнӣ, *Мактаби Кӯҳна* (2010)

---

[1] дубахра: хонаеро ки ду дар аз тарафи ҷануб ва ду дар аз тарафи шимол дошта бошад, дубахра меноманд. Яъне ҳам тобистони ва ҳам зимистонӣ

[2] дамгир: латтаест, ки дар вақти дам кардани палав вайро ба сарпӯш печонда ба даҳани дег мегузоранд



https://xtremepape.rs/

– Бо кадом тарз бинои мактаб дар матн тасвир шудааст?

– Таасуроти аввалини кӯдак аз мактабхона чӣ хел буд?

– Хотироти муаллиф дар матн чи тавр ифода шудааст?



https://xtremepape.rs/

**2.**

**Ба хотираи бародарам Профессор Темур Собиров**

То маро роҳи хаёлаш бибарад аз паси ӯ,
Дина шаб сӯ ба сӯ аз паи ёдаш будам.
Чашм пуробу чу оташзада аз пушти сароб,
Ҳама шаб кӯй ба кӯ аз паи ёдаш будам.

То расад бӯи вай аз бод гирифтам раҳи бод,
Бод бебӯй вай омад ба ман аз Файзобод.
Гуфтам, эй бод, чӣ медонӣ ту аз додари ман,
Хок зад бар сари ман боду гузашт аз бари ман.

Боғ рафтам ки ман аз дору дарахташ пурсам,
Боғи зарде ки чу ман табзада буд бечора.
Боғ нашнида маро барги хазон афшонид,
Кард пероҳани зардӯзии худ садпора.

Нигарон сӯй ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрдам, ки ғами хеш нахурдам барвақт.
Нигарон сӯй ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрдам, ки барои чӣ намурдам барвақт.

То ки дар ёди бародар нашавам обу адо,
То намонад дилам аз зиндагиву аз дунё.
То набинам ба ҷаҳон доғи бародарро ҳеҷ,
То маро доғи бародар накушад бо тадриҷ.

[…]

Менамуд боз яке манзараи даргузаре,
Ки манаш дидаму хоҳам ки набинад дигаре.
Ашки ман ҳар қадар аз чашм ниҳонаш мекард,
Осмон пеши назар боз аёнаш мекард.

Тӯдаи абр равон буду дар он тӯдаи абр,
Товасангони сафеду сиёҳи гӯристон.
Тӯдаи абр равон буду дар он тӯдаи абр,
Тали пурхору хаси деҳкадаи Суфиён.

[…]

Нигарон сӯй ҳаво будаму хобам бурдааст,
Шудам аз чак чаки борони дарахтон бедор.
Задам оҳе ки чаро то абадам хоб набурд?
Оҳ, безорам аз ин дидани дунё безор.

Бозор Собир, *Гули Хор* (1978)



https://xtremepape.rs/

– Фикри худро оиди забоне ки барои тасвири вазъи рӯҳии шоир истифода шудааст, баён намоед.

– Муаллиф кадом чизро аз сар мегузаронад ҳангоме ки бародарашро ба ёд меорад?

– Бо кадом роҳ шоир ҳолати ғамангези худро бо ҳодисаҳои табиат муқоиса намудааст?



https://xtremepape.rs/